*Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-029*
*назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,*
*734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17*

# Тақризи

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои фалсафа, профессор Маҳмадҷонова Муҳиба Талатҷоновна ба диссертатсияи Каримов Қиёмиддин Саидвалиевич дар мавзуи “Ҷойгоҳи фалсафаи ахлоқ дар низоми давлатдории Сосониён” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа**

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Каримов Қиёмиддин Саидвалиевич дар мавзуи “Ҷойгоҳи фалсафаи ахлоқ дар низоми давлатдории Сосониён”-ро ҳам аз ҷиҳати сохтор ва ҳам аз лиҳози мазмуну муҳтаво кори илмии анҷомёфта шуморидан мумкин аст. Он ба талаботи кори илмӣ ва самти ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа пурра мувофиқат менамояд.

**Мубрамияти мавзуъ.** Масоили марбут ба ахлоқ ва тарбияи инсон барои ҳама давру замон муҳиммияти худро нигоҳ дошта, ҷавҳари таълимоти макотиб ва мутафаккирони соҳибмактабро ташкил дода, дар замони муосир низ актуалӣ мебошад. Алалхусус, дар раванди ҷаҳонишавӣ, ки айни замон ҷаҳони муосирро фаро гирифтааст ва таъсири худро ба ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла ҳаёти маънавӣ бараъло мерасонад, таҳқиқи андеша ва таълимотҳои ахлоқии ниёгон аҳамияти махсус касб менамояд. Фарҳангу тамаддуни мардумони ориёӣ дар асоси принсип ва меъёрҳои ахлоқӣ тадвин шуда, хусусияти инсонгароӣ ва гуманистӣ дошта, бо ҳамин сифат дар олам шуҳратёр гардидааст. Дар робита ба ин масъала диссертант дуруст қайд менамояд, ки “қавмҳои ориёӣ, аз ҷумла тоҷикон бо вуҷуди шиканҷаҳои зиёди таърихӣ тавонистанд ҳувияти маънавӣ, яъне забон, урфу одат, илму маданият ва арзишҳои баланди ахлоқии худро ҳифз намоянд” (С. 3) .

Аз ҷониби дигар, дарки моҳияти ҷаҳонишавию ҷаҳонгароӣ ва дар муқобили таъсироти манфии он қобилияти истодагарӣ доштан, масъалаи муҳимест, ки ба маърифату дониш ва қобилияти андешаву тафаккури таҳлилӣ вобастагии ногусастанӣ дорад. Чун сухан аз донишу маърифат, тафаккур, ҷаҳонбинӣ ва ахлоқ меравад, пас бидуни шакку шубҳа фалсафа madди назар гирифта мешавад. Ҷаҳонбинии фалсафӣ ва қобилияти баланди андеша василаи муҳимтаринест, ки инсонро ба дарки моҳияти ҳастӣ, ҳаводису воқеоти олам ва унсурҳои метафизикӣ муваффақ мегардонад. Фалсафа дастоварди арзишманди маънавии инсон буда, ҳадафи он беҳбуд бахшидани ҳаёти маишии худи инсон ва ҷомеа мебошад. Ҳамин аст, ки бархе аз донишмандон масъалаи асосии фалсафаро “муносибати субъект бо субъект” ва ё “донистани моҳияти инсон” маънидод менамоянд. Ба хотири дарки моҳияти ҳастӣ, маънии зиндагӣ,

таъмини саодат ва дар маҷмуъ ташкили ҷомеаи бонизом насли инсонӣ пайваста кӯшиш намудааст ва имрӯз низ ин раванд идома дорад. Ба ин маънӣ, инсон шакли ҳастиест, ки тамоми асрори олами вуҷудро дар худ таҷассум намуда, маънӣ мебахшад, мафҳум меофарад ва онро ба манфиати худ истифода менамояд. Дар ин самт ахлоқ ҳамчун илми фалсафӣ саҳми назаррас дорад.

Дар раванди шинохти моҳият ва маънии зиндагии инсон ҳам дар шакли инфиродӣ ва ҳам ҷамъиятӣ ахлоқ аз илмҳои муҳимтарин ба ҳисоб меравад. Ахлоқ, ки ба таҳлили масоили марбут ба фаъолиятҳои амалии инсон сарукор дорад, баробар бо пайдоиши инсони фикркунанда ба вуҷуд омадааст ва дар таъмини сифатҳои ахлоқӣ ва муносибатҳои иҷтимоии шахс нақши арзишманд мегузорад. Андешаи дигари муаллифи диссертатсия дар қисмати асосноккунии аҳамияти мавзуи таҳқиқотӣ, ки «Эҳёи тафаккури миллӣ, ба хусус эҳёи фарҳангу тамаддуни ориёӣ ва дар заминаи он, рушд ва такомул додани фарҳангу тамаддуни муосир, - ба андешаи муаллиф, воситаи муҳимму муассири худогоҳӣ, ҳуввияти миллӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии нави миллӣ мебошад. Аз ҷумла, ахлоқ ва эҳёи арзишҳои ахлоқии ниёкон, ки дар баробари тадбири манзилу сиёсати мудун ҷузъи фалсафаи амалӣ мебошад, метавонад дар танзими рафтору амали инсонҳо, ҳалли мушкилоти ҷамъиятии ҷомеаи муосир нақши муассир бозад, аммо ин мавзуъ то ҳол камомӯхта мебошад. То имрӯз вижагиҳои низоми давлатдорӣ, хусусан этикаи аҳди Сосониён ба таҳқиқ ниёз дорад. Бинобар ин, омӯзиш ва таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни этикаи аҳди Сосониён аз назари илмию фалсафӣ аҳамият ва арзиши хосса дорад» (саҳ. 3-4), низ қобили дастгирӣ аст. Ҳамзамон, тариқи се банд мушаххасан баён шудани муҳиммияти мавзуъ аз ҷавобгӯ ба талаботи кори илмӣ ва асоснокии он дарак медиҳад. Аз ин рӯ, диссертатсияи Каримов Қ.С.-ро метавон дорои аҳамияти илмию амалӣ донист.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои диссертатсия.** Дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқотӣ низ мувофиқ ба меъёрҳои муқарраргардида ва методологияи илмӣ таҳия шудааст. Муаллиф сарчашма ва осори таҳқиқотии зиёдро истифода ва бо усули таърихӣ-арзишӣ ва муқоисавӣ онҳоро таҳлилу баррасӣ намудааст. Методологияи таҳқиқи диссертант дар бахши мазкур қобили дастгирии ҳамаҷониба мебошад. Дар диссертатсия сарчашмаҳои таърихӣ, асарҳои таҳқиқотии олимони ватанию хориҷӣ, мақолаҳои илмӣ ва диссертатсияҳо гурӯҳбандӣ шуда, арзиш ва нақши онҳо дар шинохти ҷойгоҳи ахлоқ дар фарҳанги замони Сосониён нишон дода шудааст. Ҳамзамон, диссертант ба таври возеҳ таҳқиқталаб будани мавзуи илмии худро исбот намуда, нишон додааст, ки он ҳанӯз ба дараҷаи зарурӣ омӯхта нашудааст. Яъне, мақсади муҳаққиқ ва муҳимияти таҳқиқи он равшан эҳсос мегардад.

Бахшҳои дигари диссертатсия, аз қабили объект, предмет, ҳадафу вазифаҳо, навгониҳо ва ҷанбаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ҳамоҳанг ва бо ҳам пайванди мантиқӣ дошта, мувофиқ ба талаботҳои илмӣ таҳия шудаанд. Маҳорати диссертант дар ҳамоҳангсозӣ ва мантиқан пайваст намудани масъалаҳои мазкур қобили таҳсин мебошад. Ин амали

муаллифи диссертатсия боис гардидааст, ки масъалаи мавриди таҳқиқ ба таври системавӣ мавриди коркард қарор бигирад.

Диссертант аз усулҳои умумимантиқӣ, таърихӣ, системавӣ, герменевтикӣ ва муқоисавӣ ҳамчун асоси методологии диссертатсия истифода намудааст ва бо истифода аз методҳои мазкур равиши дурусти таҳқиқро роҳандозӣ ва хулосаҳои мантиқиро пешниҳод карда, ба ҳадафи гузоштаи худ расидааст. Навгониҳои илмии диссертатсия аз муҳтавои кори илмӣ маншаъ гирифта, мазмун ва моҳияти диссертатсияро ифода менамоянд. Навгониҳои пешниҳодшуда бо ҷанбаъҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда тавъам буда, аз лиҳози илмӣ асоснок карда шудаанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳамияти илмию амалӣ, асосҳои назариявӣ ва пойгоҳи эмпирикии таҳқиқот ба таври возеҳ нишон дода шудааст. Саҳми шахсии диссертант дар раванди анҷом додани кори илмӣ равшан аст. Иштироки муаллиф дар конференсияҳои сатҳи байналмиллалӣ, ҷумҳуриявӣ, донишгоҳӣ ва маърузаҳои ӯ аз мустақилияти фикрии диссертант шаҳодат медиҳанд. Мақолаҳои чопнамудаи диссертант дар маҷаллаҳои тақризшаванда КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маҷмуаҳо мазмуни кори диссертатсиониро пурра инъикос менамоянд.

Диссертатсияи тақризшаванда аз ҷиҳати сохтор мувофиқ ба талаботҳои илмӣ мебошад. Муқаддима, боби замимавӣ ва боби асосии диссертатсия бо ҳамдигар алоқаманд ва якдигарро пурра мегардонанд.

Дар боби якум «Заминаҳои ғоявӣ, иҷтимоӣ-сиёсии ташаккулёбӣ ва таҳаввули этика дар аҳди Сосониён» дар се бахш: таърихи ташаккул, фаҳмиш ва шарҳи илмии мафҳуми этика дар низоми донишҳои фалсафӣ, Зардуштия - сарчашмаи асосии таъмини адолат ва идеяи баробарии иҷтимоӣ дар низоми давлатдории аҳди Сосониён, Академияи "Гунди Шопур" ва нақши он дар ташаккули донишҳои илмӣ ва таҳаввули муносибатҳои ахлоқии давраи Сосониён мавриди таҳқиқи муаллиф қарор гирифтааст, ки заминаи назариявӣ ва методологӣ барои боби асосӣ ба шумор меравад. Дар боби зикршуда мазмун ва моҳияти "этика", ки объекти кори диссертатсиониро ташкил медиҳад, дар сатҳи зарурӣ коркард шудааст. Ҳамзамон, бо такя ба сарчашмаҳои муътамад, осори таҳқиқотӣ, сарчашмаҳои фарҳанги сосонӣ ва нақши академияи Гунди Шопур дар таҳаввули муносибатҳои ахлоқии давраи Сосониёнро нишон дода шудааст. Аз ҷумла, муаллиф хулоса менамояд, ки "дар тамоми низоми донишҳои фалсафӣ ва консепсияҳои илмии мавҷуда, ахлоқ дар баробари тадбири манзил ва сиёсати мудун аз зумраи шохаҳои илми амалӣ буда, муайянкунандаи рафтор, кирдор, хулқу хӯй, муносибатҳо ва робитаҳои тарафайни инсонҳо, унсурҳо ва таркибҳои ҷомеа, инъикоскунандаи расму оин, ҷашну маросим ва тартиби баргузории онҳо шарҳу тавзеҳ дода шудааст". (С.36). Дар чунин тарзи фаҳмиш, нақши ахлоқ дар муназзамсозии ҷомеаи муосир низ назаррас буда, мубрамияти таҳқиқи он собит мегардад.

Сарчашмаи асосии таъмини адолат ва идеяи баробарии иҷтимоӣ дар низоми давлатдории аҳди Сосониён будани Зардуштия низ дар сатҳи зарурӣ омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ шудааст. Муаллиф таълимоти

Зардуштияро таҳлил намуда, масъалаи мавриди назари хешро бо мисолҳои мушаххас нишон додааст, ки ҷолиби диққат мебошад. Бо андешаи зерини муаллифи диссертатсия, ки “Идеяи баробарии иҷтимоӣ дар таълимоти динӣ, ахлоқӣ-фалсафии бостонии тоҷик зери мафҳумҳои некӣ, фазилат, поквиҷдонӣ, парҳезкорӣ, инсонгароӣ, тавсифи шоҳи одил ва ғайра фаҳмида мешавад. Ё худ категорияҳои озодӣ, адолат, баробарӣ, некӣ, фазилат ва ғайра дар шакли тафаккури ахлоқӣ-иҷтимоӣ ҳаллу баррасӣ ёфтаанд”, комилан розӣ шудан имконпазир мебошад. (С.39). Ҳамзамон, хулосаи зербоби мазкур “дар фаҳмиши мутафаккирони аҳди қадим адолат муайянкунандаи андозаи баробарӣ ва нобаробарӣ дар низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ аст. Баробарӣ бошад, дар низоми ҷомеадорӣ ба даст овардани як навъ мусовишавӣ ва якрангиро дар миёни кулли аъзои ҷомеа дар назар дорад. Дар таълимоти андешамандони ин даврон баробарӣ ҳамчун категорияи ахлоқӣ инъикоскунандаи эҳсосот, тасаввурот, ормонҳо, идеалҳои инсонҳо дар бораи сиёсат, ҳуқуқ, иқтисод, фарҳанг ва ғайра маҳсуб мешавад” (С.41), низ як навъ ҷамъбасти мантиқии муаллиф буда, ба талаботи кори илмӣ ҷавоб дода метавонад ва аз тафаккури мантиқии ӯ далолат менамояд.

Нақши Академияи Гунди Шопур низ дар ташаккули донишҳои илмӣ ва таҳаввули муносибатҳои ахлоқии давраи Сосониён ба таври мушаххас нишон дода шудааст, ки мувофиқ ба меъёрҳои илмӣ мебошад. Андешаи муаллиф дар мавриди он, ки “сабаби асосии вусъати тоза касб кардани робитаҳои илмӣ-фарҳангӣ байни эрониёну юнониён ва ҳиндуҳо бо он далел асоснок карда мешавад, ки подшоҳони сосонӣ барои олимону донишмандони соҳаҳои гуногуни илм, ҷиҳати омӯзишу азбар кардани илмҳо, ташаккул додани табодули таҷриба шароити хуберо муҳайё карда, онҳоро аз як тараф, барои ҷамъоварии сарчашмаҳо, осори ахлоқию рисолаҳои илмию сиёсӣ ва аз тарафи дигар, барои инкишоф додани мактаби тарҷума (баргардонии осор аз забонҳои юнонию ҳиндӣ - Қ.Каримов) ба кишварҳои Ҳинд, Юнону Рим сафарбар намуданд” (С.63), қобили дастгирӣ мебошад. Ҳамчунин, хулосаи муаллиф, ки “Сосониён ворисони империяи Ҳахоманишҳо буда, дар низоми давлатдорӣ аз аввалин коркардкунандагони принсипи дунявии давлатдорӣ мебошанд. Этикаи идоракунии онҳо ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва сиёсӣ, намунаи олии давлатдорӣ, муайянкунандаи рафтору аъмоли инсон, низоми идораи давлат, муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад. Зеро, принсипҳои адолат, риояи баробарии иҷтимоӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон асоси низоми коргузории онҳо ба ҳисоб мерафт. Сосониён барои рушди тамаддун ва фарҳанги миллии тоҷик хизмати босазо карда, эҳёкунандаи расму анъана, ҷашнҳои миллӣ ва ғайра ба шумор мераванд”, ҷолиби диққат мебошад.

Ахлоқ – мавзуи меҳварии мероси хаттии аҳди Сосонӣ дар боби дуюми диссертатсия мавриди таҳқиқу таҳлили диссертант қарор гирифтааст. Дар боби мазкур се масъала: “Корномаи Ардашери Бобакон” - сарчашмаи муътамади таърихӣ ва ахлоқии аҳди Сосониён, ҷойгоҳи ахлоқ ва баррасии масъалҳои ахлоқӣ дар мероси хаттии аҳди Сосониён ва аҳамият ва арзиши этикаи Сосониён дар низоми давлатдории миллии ҷомеаи муосири

Тоҷикистон баррасӣ гардидаанд. Муаллифи диссертатсия, нахуст "Корномаи Ардашери Бобакон"-ро таҳлил намуда, бо далелҳои муътамад ҳамчун сарчашмаи ахлоқии аҳди Сосониён будани онро исбот кардааст. Таҳлили ин қисмати диссертатсия нишон медиҳад, ки хулосаи муаллиф дар мавриди он, ки ""Корномаи Ардашери Бобакон" - ёдгории хаттии хусусияти асотиридошта набуда, балки инъикоскунандаи воқеияти замон, низоми идоракунии давлатии шоҳони сосонӣ мебошад, сарчашмаи муътамади таърихӣ ба ҳисоб рафта, мавзуи меҳварии онро масъалаи ахлоқ, аз ҷумла муборизаи некӣ бо бадӣ, рӯшноӣ бо торикӣ, адолат бо беадолатӣ, дониш бо бедонишӣ ва ғайра, ки аз оини маздаясна маншаъ гирифтааст, ташкил медиҳад" (С.106), ба мақсад мувофиқ аст.

**Диссертант ҷойгоҳи ахлоқ ва баррасии масъалаҳои ахлоқиро дар мероси хаттии аҳди Сосониён** таҳлил намуда, исбот менамояд, ки дар муҳити фарҳангии давраи сосониён таъмини адолати иҷтимоӣ ва танзими муносибатҳои ахлоқӣ мавқеи марказӣ доштанд. Аз ҳамин лиҳоз, масъалаи ахлоқ дар мероси хаттии онҳо ҳамчун масъалаи меҳварӣ матраҳ гардидааст. Муаллифи диссертатсия ба маврид таъкид менамояд, ки "Дар давраи Сосониён мероси хаттӣ дар шакли достонҳо, андарзномаҳо, катибаҳо ва қитъаҳо таълиф карда шуда, пурра тамоили ривоятӣ ва асотирӣ надоранд, балки фарогири рукнҳои фалсафаи амалӣ мебошанд" (С.107). Андешаи худро бо овардани якчанд осори арзишманди даврони Сосониён асоснок намуда, тавассути усулҳои муқоисавӣ ва фактологию арзишӣ онро исбот кардааст, ки аз муваффақияти диссертант дар ин қисмат шаҳодат медиҳад.

Аҳамият ва арзиши этикаи Сосониён дар низоми давлатдории миллии ҷомеаи муосири Тоҷикистон дар зербоби сеюми боби дуюм баррасӣ шуда, муаллиф кӯшиш намудааст, ки масъалаи мазкурро дар асоси фарҳанги замони сосониён матраҳ намуда, арзиши ин фарҳангро дар замони муосир муайян созад. Муаллифи диссертатсия ба маврид таъкид менамояд, ки "дар давраи тоисломӣ халқи тамаддунофари тоҷику форс давлати ягонаи мутамаркази пуриқтидор, фарҳанги ғании моддию маънавӣ дошта, дастоварду бозёфтҳои он барои таъмини сулҳу субот, риоя кардани меъёрҳои адолат, баробарии иҷтимоии тамоми қишрҳои аҳолии ҷомеа, тарбияи ахлоқию маънавии наслҳо мавриди истифода қарор дода мешуданд. Баъдан, дар натиҷаи сукути давлати Сосониён ва ба сари қудрат омадани арабҳо фарҳанги исломӣ ташаккул ва таҳаввул ёфт ва ин зуҳуроти таърихӣ ба тоҷикон роҳро барои ворид шудан ба муҳити нави фарҳангӣ, низоми ҷомеадорӣ ворид кард. Яъне, дар натиҷаи ин зуҳуроти таърихӣ арзишҳои ахлоқӣ ва фалсафии давраи тоисломии тоҷикон бо арзишҳои фарҳанги исломӣ омехта гардида, барои рушд ва густариши фарҳанги исломӣ ва интиқол ёфтани арзишҳои он ба кишварҳои дигари ҷомеаи инсонӣ ба сифати сарчашмаи боэътимод нақш бозиданд" (С.128). Албатта, чунин тарзи муносибат дар ҷомеаи муосир низ арзиши баланди амалӣ дошта, барои таҳкими худшиносии миллӣ ва пояҳои давлатдории миллӣ метавонанд истифода шаванд. Хулоса, усули таҳлили муаллифи

диссертатсия хусусияти системавӣ дошта, ҷавобгӯ ба талаботи кори илмӣ мебошад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳо.** Бахши хулосаҳо ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои бадастомада низ, аз мазмуну муҳтавои диссертатсия сарчашма гирифта, ҷавобгӯ ба талаботи илмӣ пешниҳод шудаанд. Хулосаҳо дар робита ва натиҷагирии бевосита аз боб ва зербобҳои диссертатсия пешниҳод шуда, мантиқӣ ва илмӣ мебошанд.

Автореферат ва мақолаҳои нашршудаи муаллиф муҳтавои асосии рисоларо инъикос менамоянд.

Андешаҳои баёншуда ҳамагӣ аз муваффақияти диссертант ҳангоми таҳияи кори илмӣ шаҳодат медиҳанд, вале ба назари мо дар диссертатсияи Каримов Қ.С. якчанд масъалаҳои баҳсталаб ва норавшан низ вуҷуд дорад:

1. Дар зербоби якуми боби якуми диссертатсия таърихи ташаккул, фаҳмиш ва шарҳи илмии мафҳуми “этика” дар низоми донишҳои фалсафӣ мавриди таҳлил қарор дода шуда, дар сатҳи муайян таҳқиқ шудааст, вале мафҳуми ягонаи ифодакунандаи мазмуни “этика” оварда нашудааст. Ба андешаи мо, диссертантро зарур буд, ки дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ истилоҳи мушаххаси ифодакунандаи “этика”-ро дар фарҳанги ориёӣ пайдо ва онро бо истилоҳҳои “этика” ва “ахлоқ” муқоиса намуда, тафовут ва умумияти онҳоро муайян мекард. Ин амал ба боло рафтани арзиши назариявии кори илмӣ мусоидат мекард;
2. Нақши ахлоқшиносони тоҷик, махсусан таҳқиқоти муосири давраи шуравӣ ва истиқлол, дар таҳқиқ ва баррасии вижагиҳои ахлоқ дар ташаккули тафаккури миллӣ ва илмӣ-фалсафӣ аз мадди назар дур мондааст. Ҳол он, ки дар онҳо методика ва методологияи дурусти таҳқиқ коркард гардида шоистаи истифода мебошад.
3. Зербоби якуми боби дуюм хусусияти таърихӣ дошта, аз дидгоҳи фалсафӣ камтар таҳлил шудааст.
4. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия хатоҳои техникӣ ва грамматикӣ низ ба чашм мерасанд.

Эродҳои баёнгардида характери фундаменталӣ надошта, арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Диссертатсия таҳқиқоти илмии мустақилона анҷомёфта буда, навгониҳои илмӣ ва амалиро дар худ таҷассум менамояд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА.** Диссертатсияи Каримов Қиёмиддин Саидвалиевич дар мавзуи “Ҷойгоҳи фалсафаи ахлоқ дар низоми давлатдории Сосониён” аз рӯйи натиҷаҳои илмӣ ва амалии бадастоварда ҷавобгӯи талаботи бандҳои 31 ва 33-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия карда шудааст, мебошад. Инчунин, ба самти ихтисоси 09.00.03- таърихи фалсафа пурра мувофиқат менамояд. Пешниҳод менамоям, ки ба муаллифи диссертатсия Каримов Қиёмиддин Саидвалиевич дараҷаи

илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа, дода шавад.

Доктори илмҳои фалсафа, сарходими
илмии шуъбаи таърихи фалсафаи
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи
ба номи академик А. Баҳоваддинови АМИТ Маҳмадҷонова М.

Суроға: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33.
Тел.: (+992) 902-22-28-86
Почтаи эл. Muhiba@bk.ru

Имзои М.Т. Маҳмадҷоноваро
тасдиқ менамоям:
Нозири кадрҳои ИФСҲ ба номи
академик А. Баҳоваддинови АМИТ Абдураҳмонзода Б.

ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ

23.08.2024